# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Аминов Муслиҳиддин Фозилдинович дар мавзуи «Имкониятҳои дидактикии ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

Масъалаи ташаккули имкониятҳои дидактикии такмили ихтисоси дохилимактабӣ дар ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, татбиқи ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорон дар замони муосир яке аз вазифаҳои мубрами таҳсилоти муосир маҳсуб ёфта, фароҳам овардани шароитҳои педагогии зарурӣ баҳри омода сохтани кадрҳои омӯзгорӣ дар шароити кунунии ҷумҳуриамон бо сатҳ ва сифати касбияти худ дар бозори меҳнат рақобатпазир, босалоҳият ва масъулиятшинос, донандаи хуби технологияҳои муосири педагогӣ ва иттилоотӣ метавонад дар рушди устувори давлат ва ҷомеа саҳми назаррас гузорад. Зеро низоми муосири такмили ихтисоси омӯзгорон бояд дар худ як низоми чандирӣ ва динамикиеро таҷассум намояд, ки ба талаботи ин ё он муассисаи таълимии мушаххас ҷавобгӯ буда, салоҳиятнокии касбию педагогии омӯзгорро ба назар гираду фаъолияти худро махсусан баҳри ташаккули ҳаракати касбии онхо низ равона созад. Аз ин мавқеъ, мавзуи барои таҳқиқ интихобнамудаи довталаб муҳим ва мубрам арзёбӣ мешавад.

Таҳқиқу омӯзиш ва баррасии автореферати диссертатсия собит мекунад, ки муаллифи диссертатсия пажӯҳишу ковишҳои зиёди илмӣ анҷом дода, паҳлӯҳои гуногуни масъаларо равшан намуда, барои ташаккул додани малакаҳои кор бо матн, дарки маъно ва хониши бошуурона дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ пешниҳодҳои мушаххаси амалӣ ва тавсияҳои методии ҷолиби диққат ироа намудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ Аминов Муслиҳиддин Фозилдинович дар мавзуи «Имкониятҳои дидактикии ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ», барҳақ, дар ин самт кӯшиши саривақтӣ ва ҷолиби диққати муҳаққиқ буда, он дар доираи талаботи навтарини барасмиятдарории таҳқиқоти илмӣ рӯйи кор омадааст. Зеро дар шароити кунунии рушди бемайлони иттилоот ва илму технологияи навин ҳадафи

стратегии хамаи намудхои такмили ихтисоси кормандони сохаи маориф таъсиси низоми муттасили баландбардории тахассус ҳамчун воситаи идоракунии мақсадноки барномавии рушди касбӣ ва худрушдёбии кадрҳои касбӣ – педагогии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар тамоми фаъолияти касбию педагогӣ ба ҳисоб меравад.

Муҳаққиқ басо бамаврид ва нишонрас таъкид кардааст, ки "...ҳаракати касбии омӯзгор ин қобилияти омӯзгор барои ба роҳ мондани фаъолият бо дигар иштирокчиёни раванди таълим (ҳамкорон, талабагон, волидони онҳо, маъмурият) дар доираи мақсад ва вазифаҳои таълими муосир, арзишҳои фарҳанги ҷаҳонӣ, ватанӣ, фарҳанги минтақавӣ ва миллӣ» ҳисобида мешавад.

Унвонҷӯй зимни омӯзиш ва таҳқиқу озмоиш хеле дуруст ва муътамад натиҷагирӣ кардааст, ки татбиқи раванди ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси барномаи дахлдори такмили ихтисоси дохилимактабӣ натиҷаҳои мусбат медиҳад.

Автореферат муҳтавои асосии диссертатсияро ифода мекунад. Дастгоҳи илмии он мутобиқ ба талаботи сохтори нави аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда мураттаб шудааст.

Муҳаққиқи ҷавон Аминов Муслиҳиддин натиҷаи кори ба анҷомрасонидаашро дар муқаддима, ду боб ва хулоса инъикос намуда, аз адабиёти мухталиф фаровон истифода бурдааст, оид ба мавзуи диссертатсия ва натиҷаҳои таҳқиқот мақолаҳои илмӣ таҳия ва нашр карда, дар чорабиниҳои илмӣ иштирок ва маърӯзаҳо кардааст, натиҷаҳои бадастомадаро ҷамъбаст карда, дар заминаи онҳо пешниҳоду тавсияҳои методӣ коркард ва манзур кардааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ дар хулосаи диссертатсия танзиму таснифи натиҷаҳои озмоиши педагогиро ба субут расонида, мавриди арзёбӣ қарор додааст ва вобаста ба натиҷаҳои ноилшуда хулосаву тавсияҳои зарурӣ ироа кардааст.

Лозим ба ёдоварист, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ арзишҳои назарраси илмиву амалиро соҳиб буда, муътамадӣ, асоснокӣ ва возеҳии он дар гузориши проблема ва роҳҳои ҳалли он, ҳадаф, вазифа, фарзия ва аҳамияти назариявию амалии он андешаҳои фавқро собит месозад.

Мувофиқи натиҷаҳои дар автореферат баррасигардида кори диссертатсионии Аминов Муслиҳиддин Фозилдинович дар мавзуи «Имконниятҳои дидактикии ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ» таҳқиқоти илмии бaанҷомрсида арзёбӣ шуда, ҳаҷм, дастгоҳи илмӣ, арзиши назариявӣ ва амалии он ба талаботи КОА-и назди

Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
муовини ректор оид ба корҳои илм ва
инноватсияи Донишкадаи ҷумҳуриявии
такмили ихтисос ва бозомӯзии
кормандони соҳаи маориф Собирзода Сафарбек

19.03.2025

**Маълумот барои тамос:**

734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нисор Муҳаммад, 15; Телефон: (992 372) 227-63-91; Почтаи электронӣ: s.sobirov.dti@mail.ru

*«Имзои Собирзода Сафарбекро тасдиқ мекунам»*

Сардори раёсати кадрҳо
ва котиботи ДҶТИБКСМ Манучеҳр Ҳабибзода